ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.02.2026, №7

Барои сазовор донистани Саидзода Саида Саид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) бо протоколи №21, аз 15-уми декабри соли 2025 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025, таҳти №206/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Саида Саид 18-уми октябри соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Саидзода Саида Саид соли 2004 ба ихтисоси «Забон ва адабиёти тоҷик» ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2008 хатм намудааст.

Диссертант Саидзода С.С. бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 11.12.2009, №302-ОД ба ҳайси аспиранти кафедраи назария ва таърихи адабиёт қабул карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Элбоев Вафо Ҷӯрақулович.

Муқарризони расмӣ:

– Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси филология, и.в. дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик Шамшоди Ҷамшед, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Зулфиев Гадомад

Нурмадович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна пешниҳод шудааст ва бо имзою муҳри ректори муассиса – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумор 5-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Ғаффорова, С. Чанд андеша пиромуни ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2012. – №4 (47). – С.91-93.

[2-М]. Ғаффорова, С. Мавқеи ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2012. – №5-1 (48). – С.310-316.

[3-М]. Ғаффорова, С. Тасвири воқияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2013. – №2 (51). – С.234-246.

[4-М]. Ғаффорова, С. Заминаҳои пайдоиши қиссаву ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №1. – С.68-72.

[5-М]. Ғаффорова, С. Забон ва услуби насри Саттор Турсун [Матн] / С.Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (114). – С.193-200.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Ғаффорова, С. Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ [Матн] / С.Ғаффорова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Методические инновации в практике преподавания русского языка и литературы в условиях поликультурной среды» (17-18 март 2025 г.). – Душанбе, 2025. – С.89-96.

[7-М]. Ғаффорова, С. Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (16 апрели 2025). – Душанбе, 2025. – С.247-254.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мусбат буда, диссертатсияи Саидзода Саидаро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

– дар боби дувуми диссертатсия, ки ба таҳқиқи повестҳои Саттор Турсун бахшида шудааст, аз ҳафт повест чаҳор адади он таҳқиқ ва пажуҳиш шудааст;

– дар боби сеюми диссертатсия, дар зерфасли якуми фасли сеюм, ҳангоми таҳлили образҳои марказии романи «Се рӯзи як баҳор» умумигӯйӣ ва нақли мазмун бештар ба назар мерасад.

2. Тақризи Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна – доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» низ мусбат буда, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро аз нигоҳи илмӣ пуразриш муаррифӣ намудааст ва нуктаҳои зеринро барои беҳтар шудани сифати рисола пешниҳод намудааст:

– дар боби дувуми диссертатсия баъзе иқтибосҳо ҳаҷман калонанд ва унвонҷӯй имкон дошт, ки онҳоро мушаххастар баён созад;

– дар боби сеюм, дар романи «Се рӯзи як баҳор» образҳои зиёд фаъолият доранд, вале муаллиф танҳо образҳои Усмон Азиз, Таманно ва Анварро ба таҳлил гирифтааст.

3. Тақризи Раҳматов Баҳром Аҳмадҷонович – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» низ мусбат буда, рисолаи диссертант Саидзода Саида Саидро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– дар автореферат мисолҳои таҳлилӣ оид ба хусусиятҳои бадеии забон ва сабки баёни нависанда камтар оварда шудаанд;

– унвончу имконият дошт, ки бандҳои хулосаро бештар нишон диҳад.

4. Тақризи Раҳмонов Маҳмурод Бекмуратович – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» низ мусбат буда, рисолаи унвонҷӯ Саидзода Саида Саидро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– дар автореферат (саҳ.8) омадааст, ки Саттор Турсун, дар маҷмуъ 7 повест иншо кардааст, вале муаллиф чаҳор повести нависандаро ба таҳқиқ гирифтааст;

– чун масъалаҳои матраҳшаванда дар диссертатсия зиёданд, унвонҷӯ имконият дошт, ки бандҳои хулосаро зиёдтар нишон диҳад;

– дар автореферат андешаҳои публитсистии Саттор Турсун кам таҳлил шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– унвонҷӯ Саидзода Саида Саид муайян кардани омилҳои адабии ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсунро дар асоси маводди дастрас, аз ҷумла навиштаҳои худи нависанда, ки дар адабиёти даврӣ ба нашр расидаанд, **мушаххас намудааст.**

– диссертант ба густариши повесту ҳикоя дар насри муосири тоҷикӣ назари иҷмолӣ андухта, ба таври хронологӣ асарҳои нависандаро **мавриди таҳлил қарор додааст.**

– мавқеи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар насри муосири тоҷикӣ муайян гардида, афзалиятҳои асарҳои нависанда аз ҷониби Саидзода Саида **таъйид шудааст.**

– диссертант бо баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повесту ҳикояҳои Саттор Турсун ва бо таҳлилу таҳқиқи баёни нависанда, истифодаи монологу мунозираҳои образҳои марказии осори нависандаро **равшан сохтааст.**

– Саидзода Саида Саид таҳқиқи мавзуи тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсунро ҳамчун масъалаи муҳим дар адабиёти муосири тоҷикӣ **муаррифӣ намудааст.**

– диссертант таҳлилу баррасии осори нависандаро аз нигоҳи шаклу мазмун ва сохту сабки нигориш хуб **арзёбӣ кардааст.**

– унвонҷӯ Саидзода С.С. масъалаи тасвири воқеияти зиндагӣ ва инъикоси ҳолати равонии шахсиятҳои достонӣ (образҳо) дар романи «Се рӯзи як баҳор»-ро **равшан таҳқиқ кардааст.**

– аз ҷониби диссертант ҳолатҳои равонӣ ва пуртазодди зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор» бо таҳлилу далеловарӣ **асоснок гардидааст.**

– довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода С.С. нишон додани пайванди инсон ва табиатро дар романи «Се рӯзи як баҳор» ҳамчун ҷузъи диалектикии ҳаёт **муҳим медонад.**

– пажуҳиши масъалаҳои забон ва сабк, таҳлили маҳорату ҳунари нависандагии Саттор Турсун аз ҷониби довталаби дарҷаи илмӣ дар асоси методҳои маъмули адабиётшиносӣ таҳқиқ, **баррасӣ ва равшан гардидааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуъ аз робитаҳои илмҳои адабиётшиносӣ – таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ ва сабкшиносӣ истифода шуда, ба пажуҳишҳои назарии донишмандони адабиёти муосири тоҷикӣ С. Табаров, Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Х. Шарифов, Р. Мусулмонқулов, А. Сайфуллоев, Х. Асозода, А. Сатторов, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ, Ю. Акбаров, М. Раҷабӣ, А. Кӯчаров, М. О. Хуҷамуродов, М. Хоҷаева, Ш. Раҳмонов, Н. Салимӣ, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, Ш. Солеҳов, Қ.Нурқаев ва донишманди эронӣ – Алиасғари Шеърдӯст ва рус – З.Г.Османова, Л.Н. Демидчик, В.М. Жирмунский, М. Бахтин, М.Е. Мелитинский, Л.Я.Гинзбург ва дигарон такя шудааст, ки асосҳои назарии таҳқиқро ташкил додаанд. Диссертант барои ҳалли масъалаҳои илмии диссертатсия таълифоти донишмандони мазкурро асоси назариявии пажуҳиши худ **қарор додааст.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки мавод ва дастовардҳои таҳқиқро мумкин аст, ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, навиштани таърихи ҷомеи адабиёти муосири тоҷику форс, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, ҳамчунин, барои мураттаб сохтани таърихи мукаммали адабиёти муосири тоҷикӣ истифода кард; ҳангоми таълифи диссертатсия аз осори таълифгардидаи Саттор Турсун, мақолаву гузоришҳои муҳаққиқон оид ба наср ва осори мухталифжанри нависанда ҳамчун маъхаз истифода гардидааст. Инчунин, аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсия ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, рисолаҳои магистрӣ ва корҳои дипломӣ муҳим **арзёбӣ мешавад**.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки маводди диссертатсия бар пояи методҳои маъмули адабиётшиносӣ фароҳам омада, он бо таҳлилу баррасиҳои мушаххас, далеловариҳои амиқ ва хулосабарориҳои эътимодбахш тазйин шудааст. Натиҷагириҳои илмии диссертант дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун дар шакли маъруза, мақола ва гузоришҳои илмӣ ироа гардида, аз ҷониби аҳли таҳқиқ баҳои мусбат гирифтааст, ки он эътимоднокии таҳқиқро **таъйид месозад.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи марҳилаҳои ташаккули эҷодиёт, қадамҳои нахустин дар эҷоди наср, навиштани ҳикоя, повест ва роман, нақши Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, бозёфтҳои эҷодӣ, ҳалли масъалаҳои тасвири воқеияти зиндагӣ, забон ва сабки баёни Саттор Турсун ва нишон ҳунари нависандагии ӯ саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқот **бармало намудааст.**

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 25-уми феврали соли 2026 дар бораи сазовор донистани Саидзода Саида Саид ба

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – мутахассисон аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) 6 – нафар ва аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) 5 – нафар.

Аз 11 нафар аъзои иштирокдошта дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

25.02.2026